Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон аз
12 июли соли 2016 с., №95
“тасдиқ шудааст”



# АСОСҲОИ СИЁСАТИ МАКРОПРУДЕНСИАЛИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**ш. ДУШАНБЕ - 2016**

## Ф Е Ҳ Р А С Т


1. **Муқаррароти умумӣ**
2. **Мафҳумҳои асосӣ**
3. **Мақсадҳои асосӣ ва фосилавии сиёсати макропруденсиалӣ**
4. **Фишангҳои сиёсати макропруденсиалӣ**
5. **Раванди қабули қарор**
6. **Тавсифи ҷудогонаи фишангҳои макропруденсиалӣ**

**Замима**

## 1. *МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ*

Асосҳои сиёсати макропруденсиалӣ заминаи механизми амалӣ намудани сиёсати макропруденсиалӣ ва назорати макропруденсиалии низоми бонкиро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои низом ва мусоидат ба нигоҳдории суботи молиявӣ анҷом дода мешавад, муайян менамояд.

Самтҳои асосии сиёсати макропруденсиалиро мақсадҳои асосӣ ва фосилавии он, фишангҳои сиёсати макропруденсиалӣ, нишондиҳандаҳои алоҳидаи хавфи низом ва алоқамандӣ миёни онҳо ташкил медиҳанд.

Маводи мазкур аз шаш қисмат иборат буда, ду қисмати аввал муқарраротти умумӣ бо асосҳои ҳуқуқии амалкунанда ва шарҳи мафҳумҳои асосии дар матн истифодашавандаро дар бар мегиранд. Дар қисматҳои сеюм ва чорум бошад, ҳамчун бахшҳои асосии он оид ба шарҳи мақсадҳои фосилавӣ, фишангҳои сиёсати макропруденсиалӣ, шаклҳо ва истифодаи онҳо ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои ниҳоии сиёсати мазкур маълумот дода мешавад.

Қисмати панҷум раванди қабули қарори сиёсати макропруденсиалиро аз рӯи иҷрои қадамҳо оиди муайян намудани хавфҳои низом, инчунин интихоб, татбиқ ва баҳодиҳии фишангҳои сиёсати макропруденсиалиро шарҳ медиҳад. Дар қисмати шашум бошад, оид ба тавсифи ҷудогонаи фишангҳои макропруденсиалӣ ва мақсадҳои асосии истифодаи онҳо маълумот дода мешавад.

## 2. *МАФҲУМҲОИ АСОСӢ*

**Суботи молиявӣ –** ҳолатест, ки дар он ҳамаи бахшҳои низоми молиявӣ *(бозорҳои молиявӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва сохтори молиявӣ)* бе осебпазирӣ фаъолият намуда, дар муқобили таъсири хавфҳо ва зарбаҳои (шокҳои) берунӣ сатҳи баланди чандириро таъмин менамоянд. Суботи молиявӣ фаъолнокии низоми молиявӣ ва низоми миёнаравҳои молиявиро таъмин намуда, барои устувор гардидани рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Мутлақо комил будани суботи молиявӣ имконнопазир буда, дар амалияи ҷаҳонӣ суботи идеалии низоми молиявӣ вуҷуд надорад. Низомҳои молиявии ҳар як кишвар бо хусусиятҳои муайяни худ аз

ҳамдигар фарқ мекунанд, вобаста ба ин, сиёсати макропруденсиалӣ бояд дар раванди татбиқ ва истифодаи мақсадҳои фосилавӣ хавфҳои хоси кишварҳои алоҳида (шарикони иқтисодӣ)-ро ба инобат гирад.

**Сиёсати макропруденсиалӣ** – маҷмӯи чораҳои эҳтиётие мебошанд, ки барои коҳиш додани хавфҳои низоми молиявӣ равона шудаанд. Вобаста ба ин, сиёсати макропруденсиалӣ бо роҳи назорат бурдан, баҳодиҳӣ ва коҳиш додани хавфҳои низом, пурзӯр намудани устувории молиявӣ ва инчунин баланд бардоштани нақши муҳими бахши молиявӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар, ҳамчун таъминкунандаи суботи молиявӣ ба ҳисоб меравад.

**Низоми молиявӣ** – тибқи Роҳнамои "Нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ"-и Хазинаи байналмилалии асъор (2007), низоми молиявӣ аз воҳидҳои институтсионалӣ *(ташкилотҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ, хоҷагиҳо)* ва бозорҳо *(бозорҳои пулӣ, вомбаргҳо, молҳои биржавӣ, фишангҳои ҳосилавӣ, фишангҳои иштирок дар сармоя ва асъорӣ)* ташкил меёбад, ки бо мақсади ҷалби маблағҳо барои сармоягузорӣ ва таъмини механизми маблағгузории фаъолияти тиҷоратӣ, аз ҷумла низомҳои пардохт ба ҳам алоқаманд мебошанд.

Ташкилотҳои молиявӣ аз инҳо иборатанд: бонки марказӣ, ташкилотҳои амонатӣ ва дигар ташкилотҳои молиявӣ *(фондҳои сармоягузорӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ, фондҳои нафақа, ташкилотҳои холдингӣ ва дигар миёнаравҳои молиявӣ)*.

Ташкилотҳои ғайримолиявӣ аз инҳо иборатанд: бахши давлатӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои ғайримолиявӣ.

Мутобиқи барномаи Хазинаи байналмилалии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ оид ба Баҳодиҳии суботи низоми молиявӣ *(FSSA - моҳи майи соли 2015),* сохтори **низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон** бахшҳои зеринро дар бар мегирад: бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва лизингӣ.

**Хавфи низом** – чунин хавферо меноманд, ки ба низоми молиявии кишвар таҳдид намуда, дар ҳолати рӯй додани он қисми зиёди бахши молиявӣ ғайри қобили пардохт ва ё ғайрипардохтпазир мегардад. Ин хавф барои иҷро гардидани вазифаҳои асосии низоми молиявӣ ва рушди бахши воқеии иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад.

Хавфи низом аз ду қисми асосӣ – даврӣ ва сохторӣ иборат мебошад. Қисмати даврӣ тақсимоти хавфро дар давраҳои муайян ва

қисмати сохторӣ бошад, тақсимоти онро дар бахшҳои низоми молиявӣ нишон медиҳад. Ҳар як қисмати зикршуда андешидани чораҳои хоси сиёсати макропруденсиалиро талаб менамояд. Қисмати хавфҳои даврӣ тавассути фаъол намудани ҳоилҳо (буферҳо) ҳангоми тағйирёбиҳои даврӣ танзим шуда, хавфҳои сохторӣ бошанд, дар асоси ҳиссагузории институтҳои инфиродӣ нисбати хавфи низом муқаррар карда мешавад.

**Хавфи таҷаммуъ** – ин хавфест, ки ҷамъшавии аз меъёр зиёди хавфи алоҳидаро дар миқёси муайяни низоми бонкӣ нишон дода, эҳтимолияти ба миён омадани хароҷоти (зарари) аз ҷиҳати бузургӣ ба устувории молиявии гурӯҳи ташкилотҳои қарзӣ ва ё тамоми бозори молиявӣ таҳдидкунандаро дорад. Дар амалия шаклҳои зиёди хавфи таҷаммуъ, вобаста аз нишондиҳандаҳои ба хавф дучоргардида ба чашм мерасанд, аз ҷумла аз рӯи қарзҳо, мавқеи асъорӣ, пасандозҳо, дороиҳо, пардохтпазирӣ, тақсимоти соҳавӣ ва ё минтақавии қарзҳо ва дигар.

**Бонкҳои низомсоз** – ин бонкҳое мебошанд, ки мушкилиҳои молиявии ҳар яки онҳо метавонанд ба низоми бонкӣ ва молиявии кишвар таъсири манфӣ расонида, дар устувории он хавфҳо ба вуҷуд оваранд. Таъсири онҳо тавассути саривақт иҷро нагардидани пардохтҳо ва хисороти зиёди молиявии контрагентҳо (бонкҳо, ташкилотҳо, аҳолӣ) зоҳир мегардад. Таъмин намудани устувории молиявии ин бонкҳо дар маҷмӯъ ҳиссае аз таъминоти устувории низоми молиявии кишвар ба ҳисоб меравад.

**Назорати микропруденсиалӣ** – ин танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар алоҳидагӣ мебошад, ки бо мақсади нигоҳдории устувории низоми бонкӣ ва ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон ва қарздеҳон равона шудааст. Тибқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" Бонки миллии Тоҷикистон дорои ҳуқуқи истисноии танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Бонки миллии Тоҷикистон тибқи меъёрҳои байналмилалӣ, амалияи пешқадам ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ меъёрҳои мақбул ва тартиби ҳисоби онҳоро барои ташкилотҳои қарзӣ муқаррар намуда, ҳангоми амалӣ намудани назорат онҳоро истифода мебарад.

**Левереҷ** – *(аз калимаи англисӣ - **leverage**)* дар маъно фишанг ва ё воситаи ба ҳадаф расидан мебошад. Дар иқтисодиёт левереҷ ҳамчун чараёни идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳои корхона фаҳмида шуда,

барои зиёд намудани фоида равона мегардад. Дар бахши молиявӣ бошад, левереҷ ҳамчун омили муайяне маънидод карда мешавад, ки тағйирёбии андаки он метавонад ба тағйирёбии куллии нишондиҳандаҳои натиҷавӣ оварда расонад.

Левереҷ нишондиҳандаи устувории молиявии корхона ба ҳисоб рафта, аз нуқтаи назари идоракунии молиявӣ ба шаклҳои зерин ҷудо мешавад: молиявӣ, истеҳсолӣ (амалиётӣ) ва истеҳсолӣ-молиявӣ. Дар маводи мазкур мафҳуми левереҷи молиявӣ истифода шудааст. Левереҷи молиявӣ ин имконияти таъсир расонидан ба фоидаи софи ташкилот мебошад, ки бо роҳи тағйир додани ҳаҷм ва сохтори уҳдадориҳои дарозмуддат (дар доираи алоқамандии воситаҳои худӣ аз қарзҳои ҷалбшуда) амалӣ мегардад.

**Намояи Ҳерфиндал – Ҳиршман** (*Herfindahl-Hirschman Index*) нишондиҳандае мебошад, ки барои баҳодиҳии сатҳи инҳисор (монополия) дар соҳаи муайян истифода мешавад. Намояи мазкур ба ифтихори олимони иқтисодшинос Оррис Ҳерфиндал ва Алберт Ҳиршман номгузорӣ шудааст.

Намояи Ҳерфиндал – Ҳиршман ҳосили ҷамъи квадратҳои ҳиссаи бозории ҳар як ташкилотро дар як соҳаи муайян нишон медиҳад. Бо истифодаи ин ҳиссаҳо (бо фоиз) намояи мазкур нақши муҳим доштани ташкилотҳои нисбатан бузургро дар бозор муайян месозад. Нишондиҳандаи нисбатан баланди намоя сатҳи зиёди таҷаммуъро дар ҳамин соҳа нишон дода, имкон медиҳад, ки минтақаи хавфноки соҳа муайян гардад ва назорати ҷиддӣ пеш аз ҳама ба ҳамон қисмат нигаронида шавад.

## *3. МАҚСАДҲОИ АСОСӢ ВА ФОСИЛАВИИ СИЁСАТИ МАКРОПРУДЕНСИАЛӢ*

Мақсади асосии сиёсати макропруденсиалӣ ин мусоидат намудан ҷиҳати нигоҳ доштани суботи низоми молиявӣ, бо роҳи баланд бардоштани устувории молиявии бахшҳои он, аз ҷумла фаъолияти низоми бонкӣ мебошад.

Мақсадҳои фосилавии сиёсати макропруденсиалӣ барои ноил гардидан ба мақсадҳои асосӣ, таъмини шаффофият дар раванди татбиқ ва коҳиш додани хавфҳои низом истифода шуда, самтҳои зеринро дар бар мегиранд:

*а) Коҳиш додан ва пешгирӣ намудани афзоиши дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда ва ҳолати ғайри қобили пардохт будан;*

*б) Коҳиш додан ва пешгирӣ намудани ҳолати ғайрипардохтпазирӣ ва номувофиқатии мухлатнокӣ миёни дороиҳо ва уҳдадориҳо;*

*в) Коҳиш додан ва пешгирӣ намудани афзоиши ҳаҷми пасандозҳо ва қарзҳо бо асъори хориҷӣ ва ҳаҷми қарзҳои таснифшуда;*

*г) Маҳдуд кардани роҳҳои мустақим ва ғайримустақими дучоршавии ҳолатҳои таҷаммуъ;*

*д) Вусъат додани шаффофият ва эътимоднокӣ дар низоми бонкӣ.*

Мақсадҳои фосилавӣ самаранокии сиёсати макропруденсиалӣ ва асоснокии иқтисодии интихоби фишангҳоро бо роҳи механизми таъсирпазирии онҳо таъмин менамоянд. Барои ҳар як мақсади фосилавӣ вобаста ба шакли хавфи мавҷудбуда, бояд ҳадди ақал як фишанги макропруденсиалии мувофиқ интихоб карда шавад.

## 4. *ФИШАНГҲОИ СИЁСАТИ МАКРОПРУДЕНСИАЛӢ*

Ҷиҳати ноил гаштан ба мақсадҳои фосилавии сиёсати макропруденсиалӣ, Бонки миллии Тоҷикистон фишангҳоеро, ки аз ҷониби Кумитаи суботи молиявӣ ва ё аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ *(ХБА ва Бонки ҷаҳонӣ)* тавсия мешаванд, инчунин фишангҳоеро, ки дар асоси баҳодиҳии хавфҳои низоми молиявӣ таҳия мегарданд, истифода хоҳад кард.

Фишангҳои зерин вобаста ба мақсадҳои фосилавии сиёсати макропруденсиалӣ пешниҳод карда мешаванд:

*а) Коҳиш додан ва пешгирӣ намудани афзоиши дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда ва ҳолати ғайри қобили пардохт будан:*

- Меъёри буфери сармоявӣ;
- Меъёри қарзҳои ҷалбшуда нисбат ба сармоя (левереҷ);
- Меъёри қарз нисбат ба арзиши гарав (ҚНГ);
- Меъёри қарз нисбат ба даромад (ҚНД);
- Тасҳеҳот оид ба ташкили ФПТИ[1] барои қарзҳои асъорӣ.

[1] Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир

*б) Коҳиш додан ва пешгирӣ намудани ҳолати ғайрипардохтпазирӣ ва номувофиқатии муҳлатнокӣ миёни дороиҳо ва уҳдадориҳо:*

- Меъёри буфери пардохтпазирӣ;
- Тасҳеҳот нисбат ба меъёри пардохтпазирӣ бо асъори хориҷӣ;
- Меъёри қарзҳо нисбат ба пасандозҳо (ҚНП);
- Маҳдудият доир ба мавқеи асъории кушода;

*в) Коҳиш додан ва пешгирӣ намудани афзоиши ҳаҷми пасандозҳо ва қарзҳо бо асъори хориҷӣ ва ҳаҷми қарзҳои таснифшуда:*

- Меъёри захираҳои ҳатмӣ барои уҳдадориҳо бо асъори хориҷӣ;
- Маҳдуд намудани қарздиҳӣ бо асъори хориҷӣ;

*г) Маҳдуд кардани роҳҳои мустақим ва ғайримустақими дучоршавии ҳолатҳои таҷаммуъ:*

- Маҳдуд намудани қарздиҳӣ ба соҳаҳои алоҳида;
- Маҳдуд намудани маблағи қарз ба муштариёни алоҳида;

*д) Вусъат додани шаффофият ва эътимоднокӣ дар низоми бонкӣ:*

- Рушди ахборотдиҳӣ.

Дар ҳолати зарурӣ шумораи фишангҳои макропруденсиалӣ ва мақсадҳои фосилавӣ метавонанд зиёд карда шаванд. Фишангҳои макропруденсиалӣ дар асоси натиҷабахш ва босамар будани онҳо бар зидди хавфҳои даврӣ ва сохтории низоми молиявӣ, интихоб карда мешаванд.

Сиёсати макропруденсиалӣ танҳо барои паст намудани эҳтимолияти ба вуҷуд омадани буҳронҳои оянда равона гардида, масъулияти пурра аз байн бурдани онҳоро ба зимма надорад.

## *5. РАВАНДИ ҚАБУЛИ ҚАРОР*

Раванди қабули қарорҳои сиёсати макропруденсиалӣ чаҳор давраро дар бар мегирад:

1. Муайянкунӣ ва баҳодиҳии хавфҳои низом;
2. Интихоби фишангҳои макропруденсиалӣ;
3. Татбиқи фишангҳои макропруденсиалӣ;
4. Баҳодиҳии фишангҳои макропруденсиалӣ.




**1. Муайянкунӣ ва баҳодиҳии хавфҳои низом**

Хавфҳои низом одатан бо ғайрифаъол гардидани ташкилотҳои алоҳидаи низомсози молиявӣ ва ё аз таъсири омилҳои макроиқтисодӣ ба ҳамаи ташкилотҳои молиявӣ зоҳир мегарданд. Яке аз хусусиятҳои асосии хавфҳо ин аст, ки гӯё дар давраи рушдёбии иқтисодиёт раванди коҳишёбӣ дошта, дар давраи пастравии он афзоиш меёбанд, аммо дар ҳақиқат дар давраи рушдёбӣ хавфҳо ҷамъ шуда, дар давраи пастравии иқтисодиёт бошад бо мурури замон худро ошкор месозанд.

Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам мониторинги хавфҳои низомро анҷом дода, натиҷаҳои онро дар ҳисоботҳои даврӣ (семоҳа ва солона) оиди вазъи молиявӣ дарҷ менамояд. Ҳисобот оиди суботи молиявӣ ҳар сол аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешниҳоди маълумот ва таҳлилҳо оид ба вазъи низоми молиявӣ, бахшҳои осебпазири он ва қабули чораҳои бехтарсозию ислоҳӣ таҳия гардида, ба омма ва тарафҳои ҳавасманд метавонад интишор гардад.

Ҳисоботи семоҳа оид ба мониторинги вазъи молиявӣ бошад, ҷиҳати гузаронидани таҳлили хавфҳои ба низоми молиявӣ таъсиркунанда, баҳодиҳии таъсири пешомади онҳо дар давраи минбаъда ва ҳамоҳангии мақомоти танзимгари бахшҳои молиявӣ дар ҳалли масъалаҳои бартарафсозии таъсири бухронҳои иқтисодию молиявӣ, бо назардошти тавсияҳо таҳия мегардад. Ҳисоботи мазкур дохилӣ буда, сирри бонкӣ ба ҳисоб меравад ва баъд аз таҳия гардидан барои баррасӣ ба Кумитаи суботи молиявии Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мегардад. Вобаста ба ин, Кумитаи суботи

молиявӣ ҷиҳати истифодаи фишангҳои макропруденсиалӣ ва коҳиш додани хавфҳои низом хулосаҳои дахлдор қабул намуда, ба баррасии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таклифҳои машваратӣ пешниҳод менамояд. Қарорҳои ниҳоӣ оид ба амалӣ гардидани чораҳои сиёсати макропруденсиалӣ аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон қабул карда мешаванд.

Дар баробари ин, барои баҳодиҳии таъсири эҳтимолии хавфҳои низом тартиби муайянсозии бонкҳои низомсоз пайваста баррасӣ гардида, такмил дода мешавад. Инчунин, ҳамасола аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии суботи молиявӣ фишорсанҷиш (аз боло ба поён) гузаронида шуда, бо истифода аз фишангҳои макропруденсиалӣ вазъи хавфҳо дар низом мунтазам таҳти назорат қарор дода мешавад.

Ҷиҳати ноил гаштан ба мақсадҳои фосилавӣ, дар раванди таҳлилҳо нишондиҳандаҳои зерин эҳтимоли истифодашавӣ доранд:

- *Рушди ҳақиқии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ*
- *Сатҳи бекорӣ*
- *Нархҳои амволи ғайриманқул*
- *Дороиҳо нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ*
- *Қарзҳо нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ*
- *Рушди қарздиҳӣ ба бахши ғайрибонкӣ*
- *Ҳиссаи дороиҳои ғайрифаъол дар маҷмӯи умумии дороиҳо*
- *Меъёри кифоятии сармоя*
- *Меъёри пардохтпазирӣ*
- *Меъёри қарз нисбати пасандоз*
- *Даромаднокӣ аз сармоя*
- *Даромаднокӣ аз дороиҳо*
- *Меъёри фоизи бонкӣ*
- *Фишангҳои (левереҷи) молиявӣ*
- *Осебпазирӣ ҳангоми паҳншавии хавф*
- *Намояи Ҳерфиндал–Ҳиршман аз рӯи дороиҳо, қарзҳо, пасандозҳо.*

Рӯйхати нишондиҳандаҳо дар баробари вусъат ёфтан ва татбиқ гардидани фишангҳои макропруденсиалӣ, вобаста ба афзоиши таъсири хавфҳо метавонад зиёд гардад.

**2. Интихоби фишангҳои макропруденсиалӣ**

Интихоб ва муайянсозии фишангҳои макропруденсиалӣ дар асоси принсипҳои зерин амалӣ гардонида мешавад:

**а) Самаранокӣ.** Самаранокӣ аз рӯи коҳишдиҳӣ ва бартарафсозии номуътадилиҳо дар бозор ва мусоидати он дар ноилгардӣ ба мақсадҳои асосӣ ва фосилавии сиёсати макропруденсиалӣ.

**б) Натиҷабахшӣ.** Қобилияти бо хароҷотҳои камтарин (минималӣ) ноил гаштан ба мақсадҳои асосӣ ва фосилавии сиёсати макропруденсиалӣ.

**в) Мутаносибӣ.** Муайян намудани гаронӣ ба ташкилотҳои алоҳида вобаста ба ҳиссаи онҳо дар хавфи низом.

**г) Ошкорбаёнӣ ва соддафаҳмӣ.** Зоҳир намудани ошкорбаёнӣ ва соддафаҳмӣ дар мафҳуми фишангҳои макропруденсиалӣ, талаботи онҳо ва робитаи беруна, ҷиҳати беҳтар дарк намудани вазифа ва мақсадҳои онҳо.

**д) Ҳамкорӣ бо мақомоти хориҷӣ.** Барои ноил гаштан ба мақсадҳо дар муайян ва интихоб намудани фишангҳо, ҳамкорӣ намудан бо дигар мақомоти макропруденсиалӣ дар дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ ва ё дар як вақт истифода намудани якчанд фишангҳо.

**е) Коҳишёбии таъсири манфии омилҳои берунӣ.** Дар раванди интихоби фишангҳои макропруденсиалӣ то ҳадди имкон кам кардани таъсири манфии омилҳои берунӣ ба назар гирифта мешавад.

**ж) Хусусиятҳои миллӣ.** Ҳангоми интихоби фишангҳои макропруденсиалӣ хусусиятҳои хоси низоми бонкӣ ва молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта мешаванд.

Дар баробари ин, роҳнамо[2] ва тавсияҳои Хазинаи байналмилалии асъор (замима мегардад) низ, мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ, дар раванди интихоби фишангҳои макропруденсиалӣ истифода бурда мешаванд.

**3. Татбиқи фишангҳои макропруденсиалӣ**

Принсипҳои асосӣ дар амалӣ гардонидани сиёсати макропруденсиалӣ ва татбиқи фишангҳои он чунин мебошанд:

**а) Мустақилияти сиёсати макропруденсиалӣ.** Ҳисоб намудани хароҷотҳои сиёсати макропруденсиалӣ нисбат ба манфиатҳои он осонтар аст. Бинобар ҳамин, мустақилияти он ҷиҳати пешгирӣ намудани бартарияти манфиатҳои кӯтоҳмуддат нисбат ба дарозмуддат бояд таъмин карда шавад. Сиёсати макропруденсиалӣ

---

[2] *"Staff Guidance Note on Macroprudential Policy—Detailed Guidance on Instruments"*, 2014.

доимо таҳти фишорҳои – ҷорӣ накардани талаботҳои қатъӣ дар давраи болоравии (рушди) иқтисодиёт ва сабук накардани онҳо дар давраи коҳишёбии (пастравии) иқтисодиёт, қарор дорад. Аз ин лиҳоз, мустақилияти макропруденсиалӣ бояд аз фишорҳои берунӣ *(сиёсати фискалӣ ва институтҳои молиявӣ)* ва омилҳои дохилии Бонки миллии Тоҷикистон *(сиёсати монетарӣ ва назорати микропруденсиалӣ)* таъмин карда шавад.

Байни сиёсатҳои монетарӣ, макропруденсиалӣ ва назорати микропруденсиалӣ алоқамандии зич вуҷуд дорад. Аммо, сиёсати макропруденсиалӣ ба монанди сиёсати монетарӣ муносибати макроиқтисодиро талаб намуда, на танҳо ба институтҳои инфиродӣ, балки ба кулли низоми молиявӣ равона мегардад. Зеро, суботи молиявӣ дар низом нисбат ба суботи институтҳои алоҳида муҳимтар арзёбӣ мегардад.

Муқоисаи назорати макропруденсиалӣ бо микропруденсиалӣ

| Хусусият | Макропруденсиалӣ | Микропруденсиалӣ |
|---|---|---|
| Мақсади ниҳоӣ | Коҳиш додани хароҷотҳо вобаста ба бuҳрони молиявӣ | Ҳимояи ҳуқуқи пасандоздорон ва сармоягузорон |
| Мақсади фосилавӣ | Нигоҳ доштани устуворӣ дар низоми молиявӣ | Пешгирии мушкилот дар ташкилоти алоҳида |
| Омили макроиқтисодӣ | Ҳамчун омили эндогенӣ – дохилӣ | Ҳамчун омили экзогенӣ – берунӣ |
| Модели хавф | Бо шартҳои дохилӣ | Бо шартҳои берунӣ |
| Алоқамандӣ ва хавфҳои умумии иштирокчиёни бозор | Омилҳои заминавӣ | Ба назар гирифта намешавад |
| Таҳияи меъёрҳои пруденсиалӣ | Назорати хавфҳои низом бо усули “аз боло – ба поён” | Назорати хавфҳои ташкилотҳои алоҳида бо усули “аз поён – ба боло” |

**б) Шаффофият -** фаҳмиши сиёсати макропруденсиалиро аз ҷониби бахши молиявӣ ва аҳли ҷомеа беҳтар мегардонад. Нашри саривақтии қарорҳо вобаста ба сиёсати макропруденсиалӣ, дар ҳолати ба бахши молиявӣ зараровар набудан, зарур мебошад.

**в) Масъулият.** Бонки миллии Тоҷикистон барои ба роҳ мондани сиёсати макропруденсиалӣ ваколатдор буда, бо истифода аз

мақсадҳои фосилавӣ ва бо роҳи фаъол ва ғайрифаъол гардонидани фишангҳои макропруденсиалӣ ба мақсади ниҳоии худ ноил мегардад.

**г) Таҷдиди назар.** Таҳия намудани мақсадҳои асосӣ ва фосилавии сиёсати макропруденсиалӣ саривақт ҷорӣ намудани фишангҳои муносибро талаб менамояд ва ҳангоми тағйир ёфтани вазъи бахши молиявӣ ва хавфҳои низом сиёсат низ мувофиқи он бояд тағйир ёбад.

**д) Озодӣ дар доираи фаъолият.** Вобаста ба мавҷуд будани шумораи васеи омилҳои таъсиррасон ва бо назардошти дар марҳилаи рушд қарор доштани сиёсати макропруденсиалӣ, татбиқи он наметавонад пурра ба низом ва қоидаҳои ҷорӣ такя намояд. Илова бар ин, вобаста ба кам будани таҷрибаи корӣ бо фишангҳои макропруденсиалӣ механизми таъсиррасонии онҳо ба иқтисодиёт пурра таҳқиқ нашудааст. Аз ин рӯ, сиёсати макропруденсиалӣ дар доираи фаъолияти худ ҷиҳати интихоб, муайянсозӣ, фаъол ва ғайрифаъол гардонидани фишангҳо то андозае озод мебошад.

**е) Чандирӣ.** Барои коҳиш додан ва пешгирӣ намудани таъсири хавфҳои низом сиёсати макропруденсиалиро зарур меояд, ки шумораи кофии фишангҳоро доро бошад. Илова бар ин, сиёсати мазкур бояд имконияти интихоби якчанд фишангҳои мувофиқро бо истифодаи онҳо дар вақти лозимӣ дошта бошад.

**ж) Заминаи ҳуқуқӣ.** Ҷиҳати саривақт истифода намудан ва назорат бурдани фишангҳои макропруденсиалӣ, заминаи муносиби ҳуқуқӣ лозим аст.

**з) Ҳамоҳангӣ.** Самаранокии татбиқи сиёсати макропруденсиалӣ аз ҳамоҳангӣ бо сиёсатҳои монетарӣ ва микропруденсиалӣ, инчунин дигар мақомоти назораткунандаи дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии калон дорад.

### 4. Баҳодиҳии фишангҳои макропруденсиалӣ

Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми баҳодиҳии фишангҳои макропруденсиалӣ ду принсипи асосиро истифода менамояд:

**а) Механизми таъсиррасонӣ.** Бонки миллии Тоҷикистон барои хубтар дарк намудани таъсири фишангҳои макропруденсиалӣ ва таъмини интихоби беҳтари онҳо механизми таъсиррасонии фишангҳоро бояд таҳқиқ намояд.

**б) Баҳодиҳии самаранокии мақсадҳо ва фишангҳо**. Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам баҳодиҳии муносиб будани мақсадҳои

фосилавӣ, сохтори низоми молиявӣ ва таъсири шаклҳои нави хавфҳо ба низомро амалӣ менамояд. Инчунин, ҷиҳати босамар ва натиҷабахш гардонидани сиёсати макропруденсиалӣ, дар ҳолати зарурӣ (бо пайдо гардидани хавфҳои нав) мақсадҳои фосилавӣ ва фишангҳои макропруденсиалӣ бо ворид намудани тағйиру иловаҳо тасҳеҳ карда мешаванд. Ҳангоми баҳодиҳии самаранокии сиёсати макропруденсиалӣ, камбудӣ ва норасоии эҳтимолии фишангҳои истифодашаванда санҷида шуда, нисбати татбиқи беҳтари онҳо чораҳо андешида мешаванд.

## *6. ТАВСИФИ ҶУДОГОНАИ ФИШАНГҲОИ МАКРОПРУДЕНСИАЛӢ*

Фишангҳои макропруденсиалӣ ба ин ё он мақсадҳои фосилавӣ вобастагии мустақим надошта, метавонанд дар ноил гаштани якчанд мақсадҳои фосилавии сиёсати макропруденсиалӣ дар як вақт истифода шаванд. Тавсифи фишангҳои асосии макропруденсиалӣ ба таври мухтасар оварда мешавад.

***Буфери сармоявии контрсиклӣ.***

Буфери сармоявии контрсиклӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон танзим гардида, вобаста ба тағйирёбии хавфи низом метавонад кам ва ё зиёд карда шавад. Буфери сармоявӣ бо мақсади муқобилият намудан ба номуътадилиҳои молиявӣ хусусияти контрсиклӣ (ҷараёни инкишофёбанда) дошта, мақсади асосии он ҳимоя намудани низоми бонкӣ ҳангоми аз эътидол зиёд шудани ҳаҷми қарздиҳӣ, ки сабаби зиёдшавии хавф дар кулли низом мегардад, иборат мебошад.

Фишанги мазкур ғайримустақим, бо роҳи коҳиш додани пешниҳоди қарз ва ё зиёд намудани хароҷотҳо дар раванди қарздиҳӣ, ба ҷараёни маблағгузориҳо таъсири худро мерасонад. Меъёри буфери сармоявии контрсиклӣ барои ташкилотҳои қарзӣ дар ҳудуди муайян аз дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда муқаррар гардида, иҷроиши он ҳатмӣ мебошад ва дар ҳолатҳои истисноӣ (ба таври ихтиёрӣ) метавонад аз ин меъёр баландтар бошад.

Маҳаки асосӣ барои муайян намудани меъёри буфери сармоявии контрсиклӣ ин нишондиҳандаи қарз нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад. Дар баробари ин, дигар нишондиҳандаҳои вобаста низ мавҷуданд, аз қабили афзоиши ҳаҷми

умумии маблағгузориҳо, рушди қарзҳои бонкӣ, нархи амволи ғайриманқул, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси иқтисодиёт метавонанд истифода шаванд.

***Буфери сармоявии бонкҳои низомсоз.***

Барои ташкилотҳои қарзии низомсоз ба андозаи муайян ворид намудани буфери ҳатмии сармояи иловагӣ дар назар аст, ки мақсади асосии он зиёд намудани қобилияти бонкҳои низомсоз ҷиҳати ҷуброн кардани зарарҳо, коҳиш додани фишорҳо ва ҳолатҳои буҳронӣ мебошад.

Аз дигар тараф, дар натиҷаи зиёд намудани ин меъёр ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади ворид нагардидан ба рӯйхати ташкилотҳои низомсоз бо риояи талаботҳои иловагӣ метавонанд ба фаъолияти пинҳонӣ гузашта, ба ин васила шаффофият ва рақобати солимро дар низом аз байн баранд.

***Меъёри қарзҳои ҷалбшуда нисбат ба сармоя (левереҷ).***

Левереҷ ҳамчун фишанги иловагӣ дар татбиқи сиёсати макропруденсиалӣ истифода гардида, меъёри маблағи қарзҳои ҷалбшудаи бонкро нисбат ба сармояи он нишон медиҳад. Мақсади ҷорӣ намудани он коҳиш додани ҷалби аз ҳад зиёди маблағҳои қарзӣ ва зиёд намудани даромаднокӣ нисбат ба сармоя дар ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Ворид намудани ин меъёр бо роҳи муносиб гардонидани раванди пардохтҳои фоизӣ метавонад ба болоравии сатҳи даромаднокӣ мусоидат намуда, самаранокии истифодаи қарзҳои ҷалбшударо зиёд гардонад.

***Меъёрҳои талаботии ҚНГ ва ҚНД.***

Меъёри талаботии ҚНГ ҳадди аксари нишондиҳандаро аз рӯи маблағи қарз нисбат ба нархи бозории гарав ва меъёри ҚНД бошад, ҳадди аксари нишондиҳандаро аз рӯи маблағи пардохти қарз нисбат ба даромади имконпазири қарзгир нишон медиҳад. Мақсади асосии фишангҳои мазкур таҳким бахшидан ба раванди маблағгузориҳо ва устувории ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Меъёри қатъии ҚНГ вусъатёбии ҷараёни маблағгузориро коҳиш дода, устувории низоми бонкиро таъмин менамояд. Қатъияти ҚНГ ва меъёри пасти ҚНД зарарҳои эҳтимолиро бартараф намуда, ҳолати муфлисшавии ташкилотҳои қарзиро коҳиш медиҳанд.

***Тасҳеҳот оид ба ташкили ФПТИ барои қарзҳои асъорӣ.***

Тартиби ташкил ва истифодаи ФПТИ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба танзим даровардa мешавад. Фонди мазкур аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо, бо роҳи муайян намудани хавфи қарзӣ ва таснифи онҳо аз рӯи сифат ва муҳлати баргардонидан, ташаккул дода мешавад. Ташкили ФПТИ барои дар сармояи ташкилоти қарзӣ инъикос намудани талафот аз рӯи таснифи дороиҳо, зарур мебошад.

Бинобар ин, ҷиҳати ташкили фонди махсус барои қарзҳои ғайрифаъол (ғайриқолабӣ ва шубҳанок) бо асъори хориҷӣ, ҳамчун қарзҳои беэътимод, ба андозаи муайян талабот ҷорӣ карда мешавад. Талаботи мазкур тақозо менамояд, ки барои қарзҳои ғайрифаъол бо асъори хориҷӣ иловатан ва ё ба пуррагӣ захираҳо ташаккул дода шаванд. Фишанги мазкур пеш аз ҳама барои коҳиш додани хавфҳои асъорӣ ва қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ истифода гардида, баҳри паст намудани сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт ва низоми молиявӣ мусоидат менамояд.

***Меъёри буфери пардохтпазирӣ.***

Тасҳеҳоти макропруденсиалии мазкур талаб менамояд, ки ҳаҷми дороиҳои пардохтпазир бояд фарқияти байни содиршавӣ ва воридшавии дороиҳоро дар ҳолатҳои ногувор пӯшонад. Аз ин лиҳоз, ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми зиёд гардидани фишорҳо ва таъсири омилҳои бuҳронӣ, бояд ҳаҷми кифояи буфери пардохтпазириро ба муҳлати 30 рӯз нигоҳ доранд. Мақсади аввалиндараҷаи он пӯшонидани хавфҳо ва коҳиш додани номувофиқатии зиёд дар муҳлатнокии дороиҳо ва уҳдадориҳо мебошад.

Ташаккул додан ва зиёд намудани буфери пардохтпазирӣ асосан дар давраи афзоиш ёфтани ҳаҷми дороиҳо (бо болоравии арзиши дороиҳо аз ҳисоби гарав, кам будани лаппишҳо ва фарқияти фоизӣ) манфиатнок мебошад. Ташкилотҳои қарзӣ инчунин метавонанд бо роҳи зиёд намудани муҳлатнокии маблағгузориҳо ва ё сармоягузорӣ ба дороиҳои пардохтпазир иҷрои ин талаботро таъмин намоянд. Дар давраи буҳронӣ ҳангоми дучор гардидан ба мушкилии пардохтпазирӣ, ташкилотҳои қарзӣ аз ҳисоби паст намудани ин меъёр метавонанд захираҳои буферии худро истифода намоянд.

***Тасҳеҳот нисбат ба меъёри пардохтпазирӣ бо асъори хориҷӣ.***

Меъёри пардохтпазирӣ бо асъори хориҷӣ фишангест, ки дороиҳои пардохтпазирро бо асъори хориҷӣ нисбат ба уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат бо асъори хориҷӣ ифода мекунад. Мақсади ҷорӣ намудани ин фишанг ташкил намудани буфери пардохтпазирӣ барои пӯшонидани уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат бо асъори хориҷӣ мебошад. Бинобар зиёд будани ҳиссаи қарзҳо ва пасандозҳои низоми бонкӣ бо асъори хориҷӣ, дар ҳолатҳои бuҳронӣ ва фишорҳои қурбӣ хавфҳои асъорӣ дар низом зиёд гардида, ҷиҳати қонеъ намудани талабот аз рӯи уҳдадориҳо бо асъори хориҷӣ захираҳои буферӣ лозим меояд.

***Меъёри қарзҳо нисбат ба пасандозҳо (ҚНП).***

Фишанги мазкур талаботи ҳадди аксарро барои тағйирёбии ҳаҷми қарзҳо нисбат ба ҳаҷми пасандозҳо муайян месозад. Мақсади асосии истифодаи он муътадил нигоҳ доштани суръати афзоиши қарзҳо нисбат ба пасандозҳо ва паст намудани хавфи қарзӣ дар низоми бонкӣ мебошад. Бо зиёд гардидани ҳаҷми қарзҳо нисбат ба пасандозҳо хавфи пардохтпазирӣ низ пайдо гардида, дар ташкилотҳои қарзӣ мушкилии иҷро нагардидани уҳдадориҳоро ба миён меорад. Дар ҳолати иҷро нагардидани ин талабот ташкилотҳои қарзӣ бояд захираҳои баланди буфериро барои таъмини пардохтпазирӣ ташкил ва нигоҳ доранд.

***Маҳдудият доир ба мавқеи асъории кушода.***

Мавқеи кушодаи асъорӣ ва тартиби ҳисоби меъёрҳои он барои ташкилотҳои қарзӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон танзим карда мешавад. Маҳдудияти мазкур дар мавқеи кушодаи асъорӣ (фарқи бақияи дороиҳо ва уҳдадориҳо) бо асъори алоҳидаи хориҷӣ нисбат ба сармояи танзимшаванда ҷорӣ карда мешавад. Мақсади асосии истифодаи ин фишанг самаранок ба роҳ мондани амалиётҳои асъорӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани хавфҳои асъорӣ дар низоми бонкӣ, кам кардани вобастагӣ аз асъорҳои алоҳида ва паст намудани сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт мебошад.

***Меъёри захираҳои ҳатмӣ барои уҳдадориҳо бо асъори хориҷӣ.***

Меъёри захираҳои ҳатмӣ фишанги танзимкунандае мебошад, ки аз ташкилотҳои қарзӣ нигоҳ доштани фоизи муайяни пасандозҳо (уҳдадориҳо)-ро дар Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун захираҳои пардохтпазир талаб менамояд. Мақсади асосии истифодаи он идоракунии ҷараёни қарздиҳӣ ва паст намудани сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт мебошад. Баланд бардоштани меъёри мазкур ба

болоравии фоизи қарзҳо оварда, ҳаҷми қарздиҳиро дар иқтисодиёт коҳиш медиҳад ва паст намудани он бошад, то андозае маҳдудияти пардохтпазириро бартараф сохта, ҳамчун буфери пардохтпазирӣ амал мекунад.

Ҷиҳати паст намудани сатҳи долларикунонӣ, меъёри захираҳои ҳатмӣ дар раванди амалисозии сиёсати макропруденсиалӣ метавонад барои пасандозҳо аз рӯи шакли асъор, мухлатнокии пасандозҳо ва ё аз рӯи дигар ухдадориҳо (ба монанди амонатҳои пулӣ ва қарзҳои ҷалбшуда) татбиқ карда шаванд.

***Маҳдуд намудани қарздиҳӣ бо асъори хориҷӣ.***

Ин меъёр ҷорӣ намудани маҳдудиятро дар ҳадди ниҳоии ҳаҷми қарзҳои бо асъори хориҷӣ пешниҳодшаванда (махсусан қарзҳои кӯтоҳмуддат) нишон медиҳад. Дар баробари ин, маҳдудият аз рӯи қарздиҳӣ ба қарзгирони суғурта (ҳедж) нашуда низ, ҳамчун фишанги иловагӣ метавонад ҷорӣ карда шавад. Мақсади асосии истифодаи меъёрҳои мазкур коҳиш додани хавфҳои асъорӣ, қарзӣ ва паст намудани сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт мебошад. Татбиқ гардидани ин фишангҳо вобастагӣ аз асъори хориҷиро кам намуда, ба коҳиш ёфтани ҳаҷми қарзҳои таснифшуда, ҷалби пасандозҳо бо асъори хориҷӣ ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ мусоидат менамояд.

***Маҳдуд намудани қарздиҳӣ ба соҳаҳои алоҳида.***

Ҳангоми дар сатҳи қаноатбахш аз ҷониби меъёрҳои макропруденсиалӣ анҷом наёфтани чораҳо ҷиҳати пешгирии хавфи низом, меъёрҳои соҳавӣ истифода мешаванд. Меъёрҳои мазкур бештар барои соҳаҳои махсус ва гуруҳи хоси дороиҳо муқаррар шуда, доираи маҳдудиятҳоро дар онҳо муқаррар месозанд. Аз ҷумлаи чунин меъёрҳои соҳавӣ ин меъёри қарзи бахшҳои алоҳида (ба монанди давлатӣ, сохтмон, тиҷорат ва ғ.) нисбати сандуқи қарзӣ, меъёри қарз нисбати арзиши гарав (ҚНГ) ва меъёри қарз нисбати даромад (ҚНД) мебошанд. Истифодаи меъёрҳои соҳавӣ сабаби болоравии хароҷот дар бахшҳо гашта, рушди қарзҳоро дар соҳаҳои ҳадафгирифта коҳиш медиҳанд ва илова бар ин, бонкҳо худро аз дучоршавии хавфи таҷаммуъ дар ин бахшҳо эмин нигоҳ медоранд.

***Маҳдуд намудани маблағи қарз ба муштариёни алоҳида.***

Ин фишанг ҷорӣ намудани маҳдудият дар пешниҳоди қарз ба як шахс ё гуруҳи шахсони вобаста мебошад, ки барои коҳиш додани

хавфи таҷаммуъ равона гардида, имконияти паҳншавии онро дар низом пешгирӣ менамояд. Шарҳи мафҳуми қарзгирони вобаста дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон оварда шудааст. Истифодаи ин меъёр ҳассосияти ташкилотҳои қарзиро нисбат ба шокҳо ва таъсири фишорҳои берунӣ кам мегардонад. Ба таркиби талаботҳои ташкилоти қарзӣ нисбат ба қарзгир ё гуруҳи қарзгирони вобаста, қарзҳои муҳлаташон гузашта низ дохил карда мешаванд.

***Рушди ахборотдиҳӣ.***

Ҷиҳати водор намудани ташкилотҳои қарзӣ барои пайваста ва муфассал анҷом додани интишорот оиди вазъи молиявии худ, навоварӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо, хавфҳои мавҷуда ва нақшаҳои стратегии минбаъда, эҳтиёҷот мавҷуд аст. Ин амал ҳамчун чораи иловагӣ дар самти баланд бардоштани дараҷаи саводнокии молиявӣ ва эътимоди мардум нисбат ба низоми бонкӣ ба шумор рафта, боиси вусъат ёфтани масъулиятшиносӣ дар раванди идоракунӣ, рақобати солим ва шаффофият дар бахши фаъолияти бонкӣ ва устувории молиявии кишвар мегардад.

## Аз Ҳисоботи Хазинаи байналмилалии асъор оид ба кӯмаки техникӣ барои Идораи суботи молиявии БМТ (*“Setting up the Financial Stability Department of the NBT”*) – декабри с.2015

### Тавсияҳо ҷиҳати таҳким додани маҷмӯи фишангҳои макропруденсиалӣ

| Фишангҳои мавҷуда | Пешниҳод |
|---|---|
| Меъёри захираҳои ҳатмӣ бо назардошти асъорҳои гуногун | Пурзӯр намудани мубодилаи иттилоот байни Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд ва Идораи суботи молиявӣ ҷиҳати ҳамоҳангии сиёсати монетарӣ ва макропруденсиалӣ.<br><br>Пурзӯр намудани таҳлил ҷиҳати самаранокии сиёсати меъёри захираҳои ҳатмӣ ҳамчун чораи де-доллариконӣ. |
| Талаботҳои иловагӣ барои сармояи бонкҳои низомсоз | Пурзӯр намудани ҳамкорӣ бо назорати микропруденсиалӣ барои ошкор намудани ҳолатҳои риоя нагардидани ин талаботҳо. |
| Талаботи пардохтпазирӣ | Пурзӯр намудани талабот нисбат ба коэффитсиенти пардохтпазирӣ бо асъори хориҷӣ. |
| Маҳдудиятҳо барои мавқеи кушодаи асъорӣ | Пурзӯр намудани маҳдудиятҳо барои мавқеи кушодаи асъорӣ. |
| **Фишангҳои иловагӣ** | **Мақсадҳо** |
| Ташкили захираҳои умумӣ барои пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо | Қабул намудани коэффитсиентҳои баландвазни хавфӣ ҷиҳати муайян кардани талабот ба сармоя ва ё қоидаҳои қатъӣ барои ташкили захира аз рӯи қарзҳо бо асъори хориҷӣ.<br><br>Пурзӯр намудани ҳамкорӣ бо назорати микропруденсиалӣ (Департаменти назорати бонкӣ) барои муайян намудани ҳолатҳои риоя нагардидани талаботҳо (ташкили захираҳо дар ҳаҷми нопурра). |

| | |
|---|---|
| Ҳадди ниҳоии меъёри қарзҳо нисбат ба пасандозҳо – ҚНП<br><br>(LTD – Loan to Deposit ratio) | Барои маҳдуд намудани хавфҳои қарзӣ дар низом, ки аз суръати баланди афзоиши қарздиҳӣ вобастагӣ дорад. |
| Ҳадди ниҳоии меъёри маблағи қарз нисбат ба арзиши гарав – ҚНГ<br><br>(LTV – Loan to Value ratio) | Барои афзун намудани устувории вазъи қарзгирон ва ҳимояи бонкҳо аз хавфи муфлисшавии онҳо (аз ҷумла хавфҳо аз рӯи уҳдадории ғайрирезидентҳо). |
| Ҳадди ниҳоии меъёри қарз нисбат ба даромад – ҚНД<br><br>(LTI – Loan to Income ratio) | Барои дастрасии қарздиҳӣ дар ҳолати таъсири шокҳо, ки аз тағйирёбии меъёрҳои фоизӣ ё бо кам шудани даромадҳо (интиқолҳои пулӣ), ҳамчунин барои афзун кардани устувории бонкҳо. |
| Маҳдудият аз рӯи хавфҳо дар бахшҳои алоҳида (масалан, бахши сохтмон) | Барои маҳдуд намудани хавфи қарзӣ дар низом, ки аз суръати баланди афзоиши қарздиҳӣ дар бахшҳои алоҳида вобастагӣ дорад. |
| Ҳадди ниҳоии ҳаҷми қарзҳои бо асъори хориҷӣ пешниҳодшаванда (махсусан қарзҳои кӯтоҳмуддат) | Барои маҳдуд намудани хавфҳои асъорӣ, ки аз номувофиқатии дороиҳо ва уҳдадориҳо бо асъори хориҷӣ дар шароити сатҳи баланди долларикунонӣ вобаста мебошанд. |
| Маҳдудият аз рӯи қарздиҳӣ ба қарзгирони суғурта (ҳедж) нашуда бо асъори хориҷӣ | Барои маҳдуд намудани хавфи ғайримустақими асъорӣ. |